«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
д.и.и., профессор Асрорзода У.С.
_____
аз «15» 01 2026 с.

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи “Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи мазкур тавассути Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳия ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ иҷро гардидааст.

Бар асоси низоми шарҳиҳолӣ, Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар таърихи 4 марти соли 1979 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва миллаташ тоҷик аст. Соли 1997 ба Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ дохил шуда, соли 2002 аз рӯйи ихтисоси умури гумрук муассисаи мазкуро хатм намудааст. Оғоз аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи назди кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи (собиқ Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат) Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолияти илмию таҳқиқотии худро мавриди иҷро қарор додааст.

Мавсуф аз соли 2020 инҷониб ба ҳайси омӯзгори калон дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Натиҷаҳои кори илмӣ:

1. Мавзуи диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2020, таҳти суратҷаласаи №5/7.11 тасдиқ шуда, роҳбари илмии ӯ д.и.и., профессор Асрорзода У.С. таъин гардида буд. Бинобар сабаби ба миён омадани зарурати объективӣ, д.и.и, профессор У.С. Асрорзодаро, ки дар Шурои олимони муассисаи болозикр ҳамчун роҳбари илмӣ тасдиқ шуда буд, н.и.и., дотсент, сардори раёсати рушди стратегӣ ва назорати Донишгоҳи мазкур Валиев Н.Ш. тибқи қарори суратҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 30 майи соли 2026, № 10/7.19 иваз кард.

Ҷураев Ш.Н. имтиҳонотҳоро, ки пеш аз ҳимояи рисолаи илмӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври зайл ҷамъбаст карда, соҳиби шаҳодатномаи №134/26 гардидааст: аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), аз 20.06.2026, забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), аз 28.06.2025 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) бо баҳои 5 (аъло) аз 20.10.2025.

Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 14 августи соли 2026, таҳти суратҷаласаи №1, муҳокима гардидааст. Диссертатсия аз ҷониби роҳбари илмӣ баҳо мусбат гирифта, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ" чунин хулоса қабул гардид:

1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити таҳаввулоти зудтағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳони муосир вобастагии байни кишварҳо ва рушди рақобати байналмилалӣ рӯ ба афзоиш буда, сиёсати давлатӣ дар самти рушди соҳибкорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудааст. Дар чунин шароит таъмини устувории иқтисоди миллӣ бидуни истифодаи воситаҳои муассири дастгирии давлатии соҳаҳои гуногун ғайриимкон аст.

Бинобар ин, яке аз механизмҳои муҳими таъсиррасонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб рафта, ба коҳиш ёфтани хароҷоти фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин раванд ба афзоиши ҳаҷми содирот, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт таъсири муассир боқӣ мегузарад, ки дар натиҷа заминаи моддию техникии истеҳсолот мукаммал мешавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул бо имкониятҳои васеи рушди соҳибкорӣ арзёбӣ гардида, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке омилҳои муҳими такмилдиҳандаи воситаҳои танзими давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд, зеро онҳо ба тариқи фаъолияти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Чуноне ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид мегардад: «...соҳибкорони кишвар дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ саҳми назаррас мегузоранд ва Ҳукумати кишвар вазифадор аст тадбирҳои иловагиро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таъмини иҷрои кафолатҳо ва имтиёзҳо, дастгирии давлатии соҳибкорон ва рушди инфрасохтори сармоягузорӣ амалӣ намояд» [1]. Маҳз ҳамин мавқеъ зарурати такмили минбаъдаи сиёсати гумрукӣ ва истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисодӣ тақвият медиҳад.

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти кишвар зарурати такмили минбаъдаи инфрасохтори сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳамчун воситаи калидии дастёби ба натиҷаҳои пешрафтаи иқтисодӣ таъкид мегардад. Дар шароити кунунӣ, баландбардории самаранокии механизми имтиёзҳои гумрукӣ ва мутобиқсозии он ба омилҳои дохилию хориҷии иқтисодӣ, ҳамгироии он бо дигар воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷиҳати илмию амалӣ муҳимияти мавзуи мазкурро тақвият мебахшанд [1].

Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба фароҳам овардани шароит барои коҳиш додани монеаҳо ҳангоми татбиқи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, таҳлили рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, осон гардонидани дастрасӣ ба технологияҳо ва таҷҳизоти муосир равона шудааст. Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҳқиқот на танҳо бо вазифаҳои стратегии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо зарурати объективии асосноккунии ба таври илмӣ механизмҳои такмили имтиёзҳои гумрукӣ ба манфиати рушди устувори соҳибкорӣ пайванди амиқ дорад.

2. Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмиии диссертатсия дар татбиқи амалии имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфта, аз унсурҳои зерин иборатанд:

1. Баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ нафақат ҳамчун бо мақсади абзори андозӣ таҳия шудааст, балки ба унвони механизми ҳавасмандгардонии фаъолиятҳои соҳибкориро бо ҷалби сармоягузорӣ муаррифӣ гардидааст. Навъҳои имтиёзҳои гумрукӣ банизомдарорӣ ва тасниф карда шуда, таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ муайян гардид. Инчунин, дар доираи таҳқиқот таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод карда шудааст. Аз нигоҳи муаллиф, имтиёзҳои гумрукӣ маҷмӯи сабукиҳо ва афзалиятҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат ба шахсони ҳуқуқӣ ё нисбат ба гурӯҳҳои муайяни молҳо дар раванди амалиёти савдои хориҷӣ ироа мешаванд.

2. Таҳлили муқоисавие, ки ба таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дахл дорад анҷом шуда, равишҳо барои мутобиқсозӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Таҳлили муқоисавӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки омилҳои асосии афзоиши самаранокии имтиёзҳо, ин шаффофияти равандҳо ва рақамисозии идораи гумрукӣ, маҳдудияти муҳлати амал ва назорати натиҷагирии ҳадафҳои иқтисодӣ мебошанд. Дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бошад, ин механизмҳо ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд.

3. Амсилаи эконометрии пешниҳодгардида таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври миқдорӣ арзёбӣ мекунад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши шумораи субъектҳои фаъол бештар ба содирот вобаста буда, таъсири ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ ва воридот ба ин раванд нисбатан камтар мебошад. Муайян гардидааст, ки коҳиши пардохтҳои гумрукӣ содиротро ҳавасманд намуда, шумораи соҳибкоронро ба андозаи 3,6% дар ҳолати афзоиши

содирот ба 1% зиёд менамояд. Амсила омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалиро якҷо намуда, арзёбии объективӣ ва пешгӯии таъсири дарозмуддати имтиёзҳоро таъмин менамояд.

4. Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 таҳия ва пешниҳод гардид. Дар стратегия гузариш аз имтиёзҳои умумӣ ба амсилаи ҳадафнок барои соҳаҳои афзалиятнок бо таъсиргузории баланд пешбинӣ гардидааст. Стратегияи пешниҳодшуда ба муайян намудани таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили сатҳи шуғл, ҳаҷми сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои содиротӣ ва шумораи субъектҳои хоҷагидорро ба инобат мегирад. Истифодаи чунин маҷмуи нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки нақши сиёсати гумрукӣ дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, навсозии сохтори иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

3. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Натиҷаҳои зерини диссертатсия ба ҳимоя бароварда мешаванд:

1. Моҳияти иқтисодӣ ва нақши имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун абзори ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши ҷалби сармоягузорӣ муайян карда шуд. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ бо инъикоси таъсиргузории онҳо ба соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ пешниҳод гардид.

2. Мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба иқтисоди миллӣ асоснок карда шуд.

3. Таҳлили регрессионӣ-коррелятсионии нишондиҳандаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар заминаи он амсилаи регрессионии вобастагӣ таҳия карда шуд.

4. Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 таҳия гардида, дар робита ба такмили танзими онҳо тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

4. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Таҳқиқи таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Таҳқиқот дар ин соҳа ба амиқ кардани донишҳои назариявӣ дар бораи механизмҳои фаъолияти низоми гумрукӣ, инчунин таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии бахши истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Таҳлили муқоисавии имтиёзҳои гумрукӣ дар кишварҳои гуногун метавонад барои муайян кардани таҷрибаҳои беҳтарин ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити мушаххаси кишвар кумак кунад. Таҳқиқот метавонад ба мақомоти давлатӣ дар таҳияи сиёсати муносиби танзими гумрукӣ, ки ба дастгирии бахши соҳибкорӣ нигаронида шудааст, кумак расонад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида ба Стратегияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути

механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030 ворид гардида, ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифода дар таҳияи барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешниҳод шудаанд. Коркарди асосҳои назариявии муаллиф дар хондани фанҳои "Танзими тарифи гумрукии фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ", "Фаъолияти гумрук", "Пардохтҳои гумрук", "Асосҳои соҳибкорӣ" барои донишҷӯёни муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои нашршуда тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ. 15. Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ. 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ. 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ мутобиқати комил дорад.

7. Саҳми шахсии илмии унвонҷӯ. Дар раванди таҳқиқот аз марҳилаи таҳияи асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, муайянкунии мақсаду вазифаҳо, инчунин дар коркарди механизмҳо истифодабарии самараноки имтиёзҳои гумрукӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муаллиф назаррас мебошад.

8. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои методӣ, барои муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онҳо кумак хоҳад кард. Ҳамин тариқ, таҳияи механизми самараноки истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ метавонад дар таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи иқтисод ва танзими гумрукӣ саҳми нав бошад. Коркардҳои муаллиф, ҳамчун маводи илмӣ – амалӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои доираи фаъолияти гумрукӣ дар раванди таълим татбиқ гардидаанд.

9. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 12 ҷ.ч. аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

10. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм. Таҳқиқот бо ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои сиёсати давлатии иқтисодӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва такмили танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла татбиқи имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд, зич алоқаманд мебошад.

11. Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот. Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 27 октябри соли 2026 мавҷуд аст.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Ҷураев Ш.Н. Оценка современного состояния таможенного тарифа в Республике Таджикистан (в использовании таможенных пошлин) / П.Ф. Нидоев, Ш.Н.Ҷураев, [Текст] // Вестник Таджикского национального университета, серия социально-экономических и общественных наук (часть 1). Душанбе – 2012 - №2/8 (100). – С. 51 – 60.

[2-М]. Ҷураев Ш.Н. Влияние тарифных ставок таможенных платежей на совершенствовании экспортно-импортных операций в Республике Таджикистан Ш.Н.Ҷураев, П.Ф. Нидоев [Текст] // Вестник Таджикского национального университета, серия социально-экономических и общественных наук №2/2 (107), 2013г. 0,8 п.л. – С. 89 - 95.

[3-М]. Ҷураев Ш.Н. Таҷрибаи хориҷии баландбардории самараноккии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ. [Матн] // Ш.Н. Ҷураев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №4.2.(43). – С. 414- 424. – ISSN 2663-0389

[4-М]. Асрорзода У.С., Ҷураев Ш.Н. Мукаммалгардонии механизми иқтисодӣ-ташкилии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №3(58) 2025, С. 30-37

[5-М]. Асрорзода У.С., Ҷураев Ш.Н. Таҳлили самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Иқтисодиёти Тоҷикистон №1, 2026, С.-455-467

[6-М]. Валиев Н.Ш., Ҷураев Ш.Н. Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, Ш.Н. Ҷураев // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №2(62) 2026. - С. 91-104.

[7-М]. Валиев Н., Ҷураев Ш.Н. Зарурати таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Валиев, Ш.Н. Ҷураев // Паёми ДДТТ, маҷаллаи илмӣ №3(63) 2026. - С. 77-92.

Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаи маводи конференсияҳо

[8-М]. Ҷураев Ш.Н. Такмили танзимкунии давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] // Маҷмуаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Моделҳои инноватсионии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир", 14-уми октябри соли 2026". Душанбе: ДБССТ, 2026. – С. 236 - 241.

[9-М]. Ҷураев Ш.Н. Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз омилҳои муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]

// Маҷмуаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ", 25-уми октябри соли 2025. Душанбе: 2025. – С. 240-245.

[10-М]. Ҷураев Ш.Н. Эффективность реформирования таможенной системы Республики Таджикистан для вхождения в Таможенный Союз. // Муаммоҳои татбиқи технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт. («Маводҳои конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ»-и Донишкадаи сохибкори ва хизмат, ки дар таърихи 29 марти 2014с.

[11-М]. Ҷураев Ш.Н. Таможенный тариф как инструмент государственного регулирования ВЭД РТ в экономике переходного периода // Конфронси илмӣ-назариявии ДМИТ оид ба «Масоили рушди устувори иқтисодӣ».

[12-М]. Ҷураев Ш.Н. Развитие таможенной системы Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики. // Вестник финансово-экономического института Таджикистана, вып. №2, Душанбе, 2014. – С.126-136.

Дар заминаи хулосаи мазкур қарор қабул гардид:

1. Баромади Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №261 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 2023, №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30-юни соли 2021, №261 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович дар мавзуи "Механизми ташкилӣ - иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи кафедраи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 23 нафар иштирок доштанд, аз онҳо ба ҳуқуқи овоздиҳӣ 13 нафар: 6 нафар доктори илм ва 7 нафар номзади илм роҳ ёфтанд.

Натиҷаҳои овоздиҳии ошкор чунин аст:
"тарафдор" – 13 нафар; "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 14 августи соли 2026, тахти суратҷаласаи № 1 кабул шудааст.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи фаъолияти гумрукии ДБССТ Орипов А.С.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Амиров М.С.

Дурусти имзоҳои “Орипов А. Ва Амиров М.С.” тасдик мекунам

Муовини сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ташева М.Ф.

аз “14” августа 2026с.